**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Вализода Шавқат Шаробудин дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз,ки барои ҳимоя пешниҳод гардидааст.**

Масъалаи мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ва ба талаботи иқтисоди бозорию рақамӣ мутобиқ намудани низоми пардохтӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад.

Зеро, низоми пардохтии ғайринақдӣ яке аз ҷузъҳои асосии инфрасохтори низоми молиявӣ ба ҳисоб рафта, гузариш ба низоми пардохтии ғайринақдӣ дар таъмини фаъолияти устувору мунтазами низоми молиявии кишвар, татбиқи саривақтӣ ва самараноки сиёсати пулию қарзӣ, буҷетӣ, саривақту бехатар гузаронидани пардохтҳо байни субъектҳо, ки ба истеҳсоли мол ва иҷрои кору хизматрасониҳо дар иқтисодиёти миллӣ ва берун аз он машғуланд, нақши муассир мебозад.

Кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдкарда дар самти иҷрои пардохтҳои мол, кор ва хизматрасониҳо ба тариқи ғайринақдӣ аллакай таҷрибаи калон аз худ намуда, дар ин самт технологияҳои аз ҳама пешрафтаро истифода мебаранд. Ин раванд, яъне раванди истифодаи бештари пардохтҳои ғайринақдӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодии ин кишварҳо, шаффоф гардидани амалиётҳо, рақобатпазирии субъектҳо ва азхудкунии бозорҳои ҷаҳонӣ мусоидат намуда истодааст. Дар давоми 20 солаи охир кишварҳои пешрафта барои мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ тадбирҳои ҷиддӣ андешида, дар самти пурзӯр намудани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, инфрасохторӣ ва идоракунии институтсионалии соҳа ба

натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд, ки боиси омӯзиш ва истифодаи он дар иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад.

Дар шароити бошиддат рушд ёфтани низоми пардохтии ғайринақдӣ ва рақобати шадид аз ҳар як бонк талаб карда мешавад, ки дар асоси стратегияи муайян ва устувор бо ҷорӣ намудани инноватсия дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои талаботи бозор амал намоянд.

Бо дарназардошти бартарӣ ва имкониятҳои зиёди рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, кишварҳои ҷаҳон, бахусус давлатҳои тараққикарда дар чорчӯбаи сиёсати иқтисодии худ маҳз ба рушд ва тавсеаи ин шакли пардохтӣ, яъне пардохти ғайринақдӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир мекунанд.

Дар ин замина, зарур аст, ки рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисоди рақамӣ ва низоми иқтисодию молиявии кишвар таъмин карда шавад.

Аз ин лиҳоз, масъалаи омӯзиши заминаи назариявӣ, методӣ ва институтсионалии низоми пардохтии ғайринақдӣ, таҷрибаи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар мукаммалгардони ва муосиргардонии минбаъдаи низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ мубрам мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳими автореферат, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин низ аҳамият медод: дар ҷадвали 2 (с.16) нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтӣ шумораи бонкҳо, шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ, шумораи дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ, шумораи терминалҳои электронӣ оварда шудааст, вале хуб мешуд агар таносуби онҳо нисбати шумораи аҳолии фаъол дарҷ мегардид.

Вале, новобаста аз ин автореферати рисолаи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд. Бинобар ин чунин хулоса намудан мумкин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин, натиҷаи

ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии низоми пардохтии ғайринақдиро дар шароити муосир ифода менамояд.

Умуман, автореферати диссертатсияи Вализода Шавқат Шаробудин дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Д.и.и. профессори кафедраи “Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит”-иДонишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, доктори илмҳоииктисодӣ,профессор Шарифов З.Р.

Имзои Шарифов З.Р.,д.и.и., профессори кафедраи “Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит”-и ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемурро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.
.